**Ҳусейн Сайфиддинов,**
**мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**оид ба сиёсати ҳуқуқӣ – Котиби Шӯрои миллии**
**муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# БЕТАРАФ НАБОШЕМ

Имрӯзҳо вобаста ба масъалаи мубрами рӯз - корупсия ва оқибатҳои номатлуби он, ки тамоми ҷомеаи башариро ба ташвиш овардааст, назарҳои мухталиф ҷой доранд. Ба ақидаи коршиносон, коррупсия дар амалисозии сиёсати иқтисодӣ монеаи ҷиддӣ эҷод намуда, боиси паст шудани сатҳи зиндагии мардум, афзудани азхудкунии маблағҳои давлативу зиёд шудани шумораи бекорон, барканор гардидани мутахасисони баландихтисос ва ба таназули иқтисодиёт оварда мерасонад. Эҳтимол дорад, ки заминаи афзудани шумораи шахсони камсаводу бесавод, «ба миён омадани ҷомеаи носолим», тағйир ёфтани муҳити ахлоқию равонӣ ва дар ҷомеа тавсеъа ёфтани «ҳисси бадбинӣ, қастгирӣ», ба «ҳокимият бовар накардани мардум», коҳиш ёфтани фаъолнокии аҳолӣ ва «нуфузу эътибори миллат»-ро гузорад.

Омӯзиши назари муҳаққиқон нишон медиҳад, ки корупсия, яке аз масъалаҳои умдатарини мушкилоти иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ҳанӯз аз оғози пайдоиши олам он ҳамқадами ҷомеаи башарӣ буда, то даврони имрӯза ба хеҷ як давлати дунё муяссар нашудааст, ки амалҳои коррупсиониро пурра аз байн барад. Вале қисме аз давлатҳо таъсири ин зуҳуроти носолимро то андозае коҳиш дода тавонистаанд. Иқтисодчиёну сиёсатшиносон бар он ақидаанд, ки маҳз коррупсия пешрафти иқтисодиётро халал дода, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад ва ба рушди демократия таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамзамон тибқи назари муҳақиқон, коррупсия худ аз худ не, балки заминаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии пайдоиш дорад ва аз ин лиҳоз, афзоиши он бар ҳар давлату миллат хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар танҳоӣ аз уҳдаи ҳалли ин масъала баромада наметавонанд ва пеши роҳи ин падидаи номатлубро фақат дар ҳамкорӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ коҳиш додан мумкин аст. Зеро, коррупсия падидаи ҷамъиятиест, ки ҳамроҳ бо ҷомеа вуҷуд дорад, вале «маркази ягонаи идоракунӣ ва тарҳрезии худро надорад», то аз он марказ талаб намоем, ки ин падидаро пешгирӣ кунад.

То имрӯз, ягон давлати дунё натавонистааст, ки коррупсияро комилан аз байн барад. Вале давлатҳои ба амсоли Сингапур, Гонконг, Индонезия, Малайзия, Шветсия, Олмон сатҳи онро то ҳадди имкон коҳиш додаанд.

Ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани коррупсия, аввалин маротиба соли 2001 дар Мексика дар сатҳи байналмилалӣ конфронси байналмилалӣ зидди коррупсия гузаронида шуд. Дар ин конфронс Конвенсияи СММ зидди коррупсия мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба он 100 давлати дунё имзо гузоштаанд. Мақсади Конвенсияи СММ зидди коррупсия низ ин пешгирӣ ва аз байн бурдани коррупсия мебошад.

Дар конвенсия таъкид шудааст, ки коррупсия ба пешрафти иқтисодиёт халал эҷод мекунад. Амалисозии демократикунонии ҷомеа ва принсипи дар назди қонун баробар будани ҳамаро зери суол қарор медиҳад, заминаи боварии ҷомеаро аз байн мебарад, боиси ба миён омадану равнақ ёфтани гурӯҳҳои ҷиноятпеша, терроризм ва дигар омилҳои ба бехатарии инсон таҳдидкунанда мегардад. Маҳз, бо дар назардошти таъсири номатлуби коррупсия ба ҷомеа, давлат ва инсон, ҳамзамон ҷиҳати бар зидди коррупсия сафарбар кардани қувваҳои солимфикру дурандеши ҷомеаи ҷаҳонӣ, СММ соли 2003 рӯзи 9-уми декабрро рӯзи байналмилалии мубориза бо коррупсия эълон кард ва аввалин маротиба ин чорабинӣ рӯзи 9-уми декабри соли 2004 дар сатҳи байналмилалӣ гузаронида шуд ва аз ҳамон сол инҷониб қариб тамоми давлатҳои дунё дар ин рӯз ҷиҳати дар байни мардум ба миён овардани фазои оштинопазири зиддикорупсионӣ, чорабиниҳои мухталифи хусусияти фаҳмондадиҳию ташвиқотӣ доштаро раҳандозӣ мекунанд.

Айни замон 140 давлати дунё ба ин Конвенсия имзо гузоштаву 80 давлати дунё онро расман ба қайд гирифтанд. Тоҷикистон низ соли 2006 Конвенсияро имзо гузоштаву онро қисми таркиби низоми ҳуқуқии худ эътироф карда, дар ин замина, ҷиҳати дар кишвар ҷорӣ намудани стандартҳои дар он пешбинӣ шуда, марҳила ба ба марҳила, як зумра қонунҳои дахлдор қабул кардаву фаъолиятро дар ин самт идома хоҳад дод.

Коррупсия падидаи номатлубест, ки дар рафти амалишавии он «ғараз», «имконот», «манфиат» ба ҳам бархӯрд доранд ва дар бисёр маврид, аз оқибати кирдорҳои коррупсионӣ «ду тараф» - «ришвадиҳанда» ва «ришвахӯр» манфиат мебинанд, ҳолати моддии худро беҳтар мекунанд, вале аз оқибати ин кирдор давлат, ҳамчун субъекти ба танзимдорорандаи муносибатҳо дар ҷомеа ва бар зидди фасод муборизабаранда зарар мебинанд. Зеро рафторҳои коррупсионӣ эътимоди мардумро ба давлат коҳиш дода, пояҳои давлатдориро заиф мекунад.

Корррупсия маънавиётро харобу ахлоқро коста мекунад, инсони ба фасод гирифторшударо аз хислатҳои инсонӣ: ростгӯӣ, поквиҷдонӣ ва самимият маҳрум карда, ба ҳирси мансабпарастӣ, молпарастӣ, худбинӣ, ҳасудӣ, бахилӣ, дурӯғгӯи, дурӯягӣ, фиребгарӣ ва билохир ба ҷоҳилият табдил медиҳад ва гурӯҳҳои алоҳида аз ин хислатҳои шахси фасодзада истифода карда, онро ҷиҳати амалисозии ғаразҳои худ истифода мебаранд. Коррупсия, ки аз манфиат маншаъ мегирад, метавонад падарро аз писар, модарро аз духтар, бародарро аз бародар, дӯстро аз дӯст ҷудо карда, ба душман табдил диҳад ва заминаи ба мушкилот мувоҷеҳ гардидани тарафҳоро дар ҷомеа гузорад. Яъне, коррупсия ҳам барои оила, ҳам барои шахси мушаххас ва ҳам барои давлат оқибатҳои ногувор дорад, зеро эҳтимол дорад, ки оламро вайрон кунад. Шахсро бадном ва давлатро ба фано оварда расонад. Ғайр аз ин, коррупсия ба обрӯву эътибори Ҳукумат таъсири манфӣ расонида, эътибори онро дар назди мардум коста мегардонад.

Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ, алалхусус мақомоти назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, прокуратура, омӯзиши афкори омма, назарсанҷиҳои дар ин мавзуъ гузаронидаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ, маводи дар васоити ахбори омма интишоргардида нишон медиҳанд, ки дар баробари дигар давлатҳои дунё, гарчанде, то ҳадде тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Тоҷикистон заминаи афзоиш ёфтаи онро гирифта бошад ҳам, мутаассифона, коррупсия дар кишвари мо низ ҷой дорад.

Аз байн бурдани коррупсия дар ҷомеа корӣ осон нест. **Омӯзиш нишон медиҳад, ки нигаронӣ ва норозигии аҳолӣ аз ҳал нашудани масъалаҳои коррупсия, айни замон аз ақидаи маъмуле маншаъ мегирад, ки гуё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои адолати судӣ намехоста бошанд ва ё наметавонанд ин масъаларо ҳал намоянд, магар дар асл ин тавр аст?**

Дар асл ин тавр нест! Роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон хуб дарк кардаанд, ки коррупсия пеш аз ҳама эътибори давлату ҳокимиятро дар назди ҷомеа коҳиш дода, боиси зарари зиёди иқтисодӣ ва пастшавии нуфузи давлат дар арсаи байналмилалӣ мегардад ва бо ҳамин роҳ ба амнияти давлату суботи ҷамъиятӣ таҳдиди ҷиддиро ба миён меоварад.

Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «**Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо. сабабҳои зуҳуроти коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин равона намоем».**

Бинобар ин, дар Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми апрели соли 2012 таъкид шудааст: **«Коррупсия яке аз хатарҳои асосии ҷомеа буда, ба пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлату ҷамъият халали ҷиддӣ ворид месозад. Дар Тоҷикистон ҷиҳати мубориза ба ин падидаи номатлуб тамоми заминаҳои ҳуқуқиву ташкилӣ фароҳам оварда шудаанд. Вале татбиқи онҳо ҳанӯз ҳам қаноатбахш нест!».**

Маҳз бо дарназардошти ин омилҳо, Роҳбари давлат ҳамаи масъулини мақомоти давлатиро вазифадор кардаанд, ки «ҷиҳати таъмини риояи қатъии қонун ва паст кардани шиддати коррупсия дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо тадбирҳои иловагӣ андешида, дар ҷомеа фазои оштинопазири зиддикоррупсионӣ»-ро ба вуҷуд оваранд. Ҳамзамон, махсусан таъкид карданд, ки «фаъолияти Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсияро ҷоннок кардан лозим аст».

Ҳукумати Тоҷикистон дар ин самт ҷиҳати пурзур намудани мубориза бо коррупсия ва пешгирии он як зумра чорабиниҳои хусусияти амалию ташкилӣ ва ҳуқуқӣ доштаро андешидаву татбиқ намуд. Айни замон дар Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия», дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба тасвиб расидаву мавриди амал қарор гирифтаанд.

Аз ҷумла, ҷиҳати сари вақт ошкор намудану бартараф кардани меъёрҳои бавуҷудоварандаи омилҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва лоиҳаи санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия шуд, низоми андозбандии кишварро мукаммал кардаву шумораи андозҳоро ба поён бурд, равзанаи ягонаи ба расмиятдарории молу амволро дар дидбонгоҳҳои гумрукии сарҳади кишвар ба роҳ монд, содагардонии ба қайдгирии ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеии ба фаъолияти соҳибкорӣ иртиботдоштаро таъмин кард, тибқи озмун ба хизмат ҷалб гардидани шаҳрвандонро дар мақомоти ҳокимияти давлатии ҳамаи сатҳҳо ба роҳ монд, мақомоти махсусгардонидашудаи давлатиро, ки салоҳияти ба амалбарории фаъолияти фаврию ҷустуҷӯйии пешбурди таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, татбиқкунандаи ҷазоҳои маъмурӣ ва пешгирикунандаи омилҳои коррупсиониро таъсис дод.

Дар ин равия, амалияи такмил додани заминаи фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва ба раванди мубориза ва муқовимат ба коррупсия ҷалб гардидани ҳамаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро идома хоҳад дод.

Дар Тоҷикистон мубориза бо коррупсия, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Барои фаъолияти густурда дар ин самт иродаи қатъии Роҳбари кишвар мавҷуд аст. Омӯзиши таҷрибаи пешқадами бисёрсолаи давлатҳои хориҷӣ дар самти пешгирии коррупсия нишон медиҳад, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, воситаи самараноктарини пешгирии коррупсия маҳсуб меёбад.

Шӯрои миллӣ барои пешгирии коррупсия, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, тағйир додани назари шаҳрвандон ба коррупсия ва мардумро бар муқобили коррупсия гузоштан дар Тоҷикистон, тибқи Фармони Прензиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми декбри соли 2010, таъсис ёфт ва имрӯз мақоме мебошад, ки намояндагони мақомоти ҳокимияти иҷроия, қонунгузор, судӣ, намояндагони ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии кишварро дар бар мегирад ва заминаи ҳуқуқии ҷалб гардидани намояндагони ҷомеаи шаҳрвандии кишварро дар муқовимат бо коррупсия муҳайё мекунад.

Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон, ҳамчун мақомоти умумимллии машваратӣ, мутобиқсозандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, масъулияти:

- ба миён овардани фазои оштинопазири зиддикоррупсионӣ;
- баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионии шаҳрвандон;
- ба раванди мубориза бо коррупсия ҷалб кардани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар;
- пайдо кардани роҳҳои дар мубориза бо коррупсия ҳамкорӣ намудани мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо;
- тақвият ёфтани мубориза бо коррупсия ва ҳамоҳангсозии фаъолияти макомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;
-дар арсаи ҷаҳонӣ боло бурдани нуфузи Тоҷикистон ва аз ҷониби шаҳрвандон ва созмонҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон ба таври мусбат арзёбӣ шудани мавқеи кишварамон дар мубориза бо коррупсия;
-ошкор намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва пешниҳод намудани роҳҳои бартараф намудани он омилҳои номатлуб,

ба василаи ворид намудан тағйиру иловаҳои дахлдор ба қонунгузории ҷории кишвар, таҳия намудани қонунҳои нав ва амалисозии дигар чорабиниҳои хусусияти ташкилӣ ва маъмурӣ доштаро ба зима дорад.

Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Шӯрои миллӣ мебошад. Аъзои Шӯрои миллӣ мушовирони давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ, сиёсати кадрҳо, оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита ба ҷомеа; раисони суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Шӯрои адлия; Раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният; Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мудофиа ва тартиботи ҳуқуқӣ; Прокурори генералӣ, вазирони корҳои дохилӣ, адлия, мудофиа, молия; директорони агентиҳои назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар; сардорони Хадамоти гумрук, департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллӣ; Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; аз ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ: Роҳбарони ҳизбҳои сиёсие, ки дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ вакил доранд; Раисони Федератсияҳои иттифоқи касабаи мустақили Тоҷикистон, Маркази исломӣ, иттифоқҳои журналистон, нависандагон, ҷавонон ва Ассосиатсияҳои соҳибкорони Тоҷикистон мебошад.

Шӯрои миллӣ, аз лиҳози шакл, сохтор ва вазифаҳо комилан аз дигар мақомоти давлатӣ фарқ дорад. Барои мисол, Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия масъулияти амалисозии сиёсатӣ давлатиро дар мубориза ба коррупсия, инчунин ҷиҳати ошкор кардану ба ҷавобгарии ҷиноятиву маъмурӣ кашидани ашхоси ба ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дастдошта ва дар ин замина, ваколати пешбурдӣ фаъолияти фаврию ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ, тафтиш ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро бо масоили марбута ба зимма дорад.

Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия бошад, чунин ҳуқуқҳоро надорад, ба он хотир, ки мақоми машваратиии умумимилӣ маҳсуб меёбад, фаолияташ на танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки намояндагони мақомоти ҳокиммияти иҷроия, қонунгузор, судӣ ва ҳамзамон ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар бар мегирад ва ҳуқуқи баҳо додан ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро низ дорад.

Ғайр аз ин, на танҳо фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки тамоми ҳокимияти давлатӣ, ҳамзамон ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ҷиҳати амалигардонии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия ҳамоҳанг менамояд, масъулияти пешниҳод кардани таклифҳои дахлдорро барои муқаррар намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар мубориза ва муқовимат ба коррупсия ба дӯш дорад. Вазифадор аст, ки оид ба пешгирии коррупсия ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намудаву бо онҳо ҳамкориро ба роҳ монад.

Аввалин ҷаласаи Шӯрои миллӣ, моҳи декабри соли 2011 баргузор гардида, дар он вазифаҳо барои соли 2012 муайян шуда буданд. Мутобиқ

ба ин амалисозии чорабиниҳо, аз ҷумла, таҳияи лоиҳаи низомномаи намунавии комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, омӯзиши ҳолати воқеии таҳия, қабул ва татбиқи бароамадҳои зиддикоррупсионӣ дар вазоратҳо, кумитаҳо ва дигар сохторҳои давлатӣ, гузаронидани озмуни нашри мақолаҳо оид ба муқовимат ба коррупсия дар васоити ахбори омма ҷиҳати ташаккул додани ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолии Тоҷикистон, таҳия ва ба табъ расонидани китобу дастурамалҳо, гузаронидани семинару конфронсҳо, мизҳои мудаввар ва таҳияву такмил додани чанде аз санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 ба нақша гирифта шудааст.

Мушкилот дар роҳи мубориза ва муқовимат бо коррупсия зиёданд ва фақат дар ҳамбастагӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳвандӣ ва иштироки ҳар шахс ин падидаро метавон аз байн бурд. Мо бояд ба фасод, ки ҷомеаро ноором, ақлро коста, маънавиётро хароб, адолатро аз байн бурдаву ҳисси бадбиниву чашмгуруснагиро ба миён овардааст, дар ҳамбастагӣ муқовимат нишон диҳем. Албатта ин роҳи тӯлонӣ фарозу нишебиҳои зиёде дорад, фақат якҷоя мо «монеаҳои» дар назари аввал «дастнорас» ва «шикастнопазир» -ро аз байн бурда метавонем.